# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «29» 03 соли 2024 № 78/ди ш. Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 7, 108 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2023, №11 “Дар бораи ба Элмуродова Давлатбӣ Анваровна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100-Сотсиология (6D050103-Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)” бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 108, 109 ва 110 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 42, 72, 79, 88 ва 92 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос, дархости шуро рад карда шавад.

2. Баррасии такрории диссертатсияи номбурда тибқи муқаррарот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, № 4.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ТАШКИЛӢ

Нусха ба асл баробар аст